ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 070.13 (575.3) (76.12. 2Т)



**САФАРАЛИЗОДА АБДУҶАББОРИ САФАРАЛӢ**

# ВИЖАГИҲОИ ГУЗАРИШИ ВАО АЗ НИЗОМИ ШУРАВӢ БА ДЕМОКРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ДУРНАМО ВА МАСЪАЛАҲО (СОЛҲОИ 1991-2020)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

**Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муассисаи пешбар:** **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода».**

Ҳимояи диссертатсия «01» июли соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, толорои шуроҳои диссертатсионӣ; e-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907-307-035) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» ______________ соли 2026 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Зоириён Б.Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи равандҳои табдилёбии васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии тамоюлҳои калидии ташаккул ва фаъолияти матбуоти даврии муосири тоҷик имкон фароҳам меорад, ки таҳлилҳои мо дар бораи қонунмандиҳои рушди фазои иттилоотӣ дар давраи пасошуравӣ амиқтар гардад. Ин гуна таҳлил, хусусан, барои дарки таҷрибаи нодири Тоҷикистон аҳаммияти хос дошта, ҳамзамон, заминаи муқоисавии арзишмандро барои омӯзиши низомҳои медиявии кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ муайян месозад. Солҳои пешин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои мавриди баррасӣ қарор додани медианизомҳои тоҷикӣ ба харҷ дода шудаанд, аммо онҳо ҷанбаи маҷмуӣ ва бунёдӣ надоштанд. Дар ин замина, таҳқиқоте, ки дар кишварҳое чун Ҷумҳурии Демократии Олмони пешин, Лаҳистон (Полша) ва як қатор давлатҳои дигар анҷом дода шудаанд, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Ҳамзамон, низоми расонаии Тоҷикистон, ки дар шароити ташаккули Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 ба вуҷуд омадааст, як объекти махсуси омӯзиш ба шумор меравад, ки таҳлили мунтазам, мукаммал ва амиқи илмиро тақозо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-1997 раванди гузариш ба низоми нави иқтисодӣ оғоз гардид, ки онро унсурҳои ҷомеаи демократӣ ҳамроҳӣ мекард. Ин марҳила фарогири таъсиси ниҳодҳои парлумонӣ, рушди низоми ҳизбҳои сиёсӣ ва зуҳури пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ буд, ки ҳамагӣ ҷузъи ҷудонопазири сохтори нави сиёсиву ҳуқуқии кишвар маҳсуб меёфтанд. Дар ин давра (солҳои 1991-1997) сарнавишти Ҷумҳурии Тоҷикистон зери хатар монда буд, зеро дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ бошиддат ҷараён дошт. Ин тағйироти усулӣ ба медиафазои Тоҷикистон бетаъсир намонданд. То соли 2010 дар соҳаи танзими васоити ахбори омма ислоҳоти фарогир ва амиқ анҷом ёфт. Дар натиҷаи ин ислоҳот заминаи қонунгузории мукаммал ва амалӣ ташаккул ёфт, ки механизмҳои ҳуқуқии

фаъолияти матбуоти давриро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин менамояд. Бар асоси ҳамин замина, навъҳои асосии нашрияҳо ташаккул ёфтанд, ки барои соҳаи ВАО-и амалкунанда бар пояи усулҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ хос мебошанд. Навъҳои асосии нашрияҳо, ки барои ВАО маъмул ва хоссанд ва дар асоси тиҷорату соҳибкорӣ амал мекунанд, пайдо шуданд, аммо худи матбуоти тоҷик қисмати таркибии медианизоми ҷаҳонӣ шуда монд.

Дар замони муосир марҳилаи камомӯхташудаи таҳаввули матбуоти даврӣ солҳои 1991-2020 мебошад. Таҳқиқи омӯзиши равандҳои таҳаввулотие, ки дар матбуоти тоҷик рӯй медиҳанд, аксаран арзиши лаҳзавӣ ва ё ғайримустақим доранд. Дар ин робита, рисолаи мазкур кӯшиши муайян ва барқарор намудани манзараи тағйироту таҳаввулотро, ки дар матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ омаданд, фаро мегирад.

Ба сифати фарзияи таҳқиқ эҳтимолияте пешбинӣ карда шудааст, ки низоми таҳаввулоти матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду самт сурат гирифтааст:

1. Аз амсилаи ҷумҳуриявии нашрияҳои ВАО, ки дар доираи фазои ягонаи иттилоотии ИҶШС амал мекард, гузаштан ба амсилаи умумимиллии ВАО-и нашриявӣ, ки рукни таркибии давлати соҳибихтиёр мебошад;
2. Аз амсилаи авторитарии матбуот, ки дар он нақши воситаю василаи ҳокимиятро мебозид, гузаштан ба амсилаи тиҷоратӣ, ки дар он нашри матбуот ба яке аз соҳаҳои соҳибкорӣ табдил ёфта буд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи масъалаҳое, ки дар мавзуи диссертатсия пешбинӣ шудаанд, дар таълифоти гуногуни олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи журналистика роҳандозӣ шудаанд.

Равандҳои таъсироти ҷаҳонишавӣ, амалкард ва таҳаввулоти ВАО тавассути осори илмии муҳаққиқон, аз ҷумла И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Имомзода, Ҷ. Саъдуллоев, Ҷ. Муқим, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Н. Солеҳов, Б. Ҳошимзода, М. Кастелс, М. Маклюен, Р. Негрин, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, С. Миронюк, Д.

Стровский, А.Н. Тепляшина, А. Чернов ва дигарон роҳандозӣ шудаанд.

Проблемаҳои иттилоотонии ҷомеа, амалкарди мутақобилаи медиа ва ҳокимият, таҳаввулоти ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик қарор гирифтаанд. Дар матбуоти тоҷик мафҳуми «фазои иттилоотӣ» дар таълифоти профессор И. Усмонов мушоҳида мешавад, ки дар он фазои иттилоотӣ вобаста ба «бозсозии ҷиддӣ, ки дар давлати собиқ Иттиҳоди Шуравӣ рӯй дода буд ва заминаи қудратманди он низоми ВАО буд, ки ҳар як унсури он ҳадаф, вазифаи худро дошт» [15, с. 110].

Таҳқиқи минбаъдаи ин мавзуъ дар таълифоти муҳаққиқон В.В. Кулакова [3], А.Н. Нуралиев [9; 10], А. Саъдуллоев [11; 12], М.М. Султонов [13; 14], Д.Б. Ҳомидов [17] ва дигарон инъикос шудааст.

Манфиатмандӣ нисбат ба вазифаҳои гуногуни ВАО дар таълифоти бунёдии назарияшиносони журналистика, аз қабили Е.К. Барабанов, И.М. Дзялошинский, Б. Дубина, С.Г. Корконосенко, В.В. Перевалов, Е.П. Прохоров, А.А. Тертичний, И.Д. Фомичева инъикос ёфтааст, ки мафҳумҳои асосии фаъолияту амалкарди таҳаввулотиро бунёд гузоштаанд. Дар таълифоти онҳо тавассути журналистика густариши мафҳумҳо оид ба фарҳанг, маълумот оид ба иқтисод, сиёсат, ҳуқуқ, маънавиёт ва илм низ кам нестанд. Ҷанбаҳои гуногуни падидаи мазкур дар таълифоти муҳаққиқон М. Лернер, А. Мол, Э. Тоффлер, С. Хангтингтон, Ф. Фукуям, А.И. Арнолдов, Л.М. Архангелский, И.Л. Бабич, Т.Г. Богатирева, П.С. Гуревич, Г.З. Замшел ва дигарон баррасӣ ва арзёбӣ гаштаанд.

Дар илми ватанӣ оид ба омӯзиши равандҳои дар журналистика ва фарҳангу санъат рӯйдодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаву таҳқиқотҳои зиёде ба миён омадаанд. Дар ин замина таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон А. Аминов, Л. Додхудоева, Ф. Қузиев, А. Низомов, С. Раҳимова, С. Ҳоҷиева, М.З. Шаҳидӣ, М. Одинаева ва Ф. Улмасова муҳим ва арзишманд мебошанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори таҳқиқӣ дар асоси барнома ва дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таълиф шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** дар он ифода ёфтааст, ки омилҳои таъсиргузор ба таҳаввулоти сохторӣ ва мазмунӣ дар матбуоти даврии тоҷик дар давраи гузариш муайян ва самтҳои асосии ин дигаргуниҳо таҳлил ва табақабандӣ гарданд. Гузариш аз як низом ба низоми нав омилҳои гуногуни сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро фаро мегирад, ки омӯзиши бунёдӣ ва густурдаро тақозо дорад. Ба ин мақсад, гузоришу ҳалли чунин **вазифаҳои таҳқиқ** пешбинӣ мешавад:

– таҳлили амиқи ҷараёни ташаккул ва таҳаввули заминаҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи гузариш аз сохтори шуравӣ ба модели демократӣ танзим менамоянд;
– тавсифи илмии вазъ ва муҳтавои қонунгузории амалкунанда, ки самт, шакл ва доираи фаъолияти воситаҳои ахбори умумро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад;
– тавсифи раванди ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– муайян кардани дараҷаи иштирок ва нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик;
– таҳқиқи вазъу ҳолати муосири ВАО-и нашрии умумимиллӣ ва минтақавии Тоҷикистон, ҳамчунин, матбуоти ақаллиятҳои миллӣ, ки зернизоми хоссаро ташкил мекунад.

**Объекти таҳқиқ** матбуоти интишории рӯзномавӣ ва маҷаллавии умумимиллӣ ва минтақавӣ дар ҷумҳурӣ – аз соли 1991 то соли 2020, ҳамчунин, ВАО-и нашрии ақаллиятҳои миллӣ мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ** тағйироту таҳаввулоти

миқдорию сифатии ВАО-и нашрии тоҷик, вижагиҳои ҷараёни гузариш аз як низоми ҷомеа ба дигар низом ва ташаккули амсилаи нави матбуоти даврии тоҷикро дар бар мегирад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таълифоти назарӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла И. Усмонов, А.Н. Нуралиев, А. Саъдуллоев, М.М. Султонов, Д.Б. Ҳомидов ва дигарон истифода шудаанд. Дар баробари онҳо, корҳои муҳаққиқони хориҷӣ низ ҳамчун манбаи назариявӣ истифода шудаанд, ки дар ин радиф аз осори М. Кастелс, М. Маклюэн, Р. Негрин, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, С. Миронюк, Д. Стровский, А.Н. Тепляшина, А. Чернов ва дигарон метавон ёдовар шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқро** усулҳои бархурди маҷмуӣ ва низомнок, методҳои муқоисавӣ ва таҳлили функсионалӣ, пурсишҳои экспертӣ ташкил мекунанд. Дар диссертатсия таваҷҷуҳи зиёд ба истифодаи маводди таҳлили типологии матбуот зоҳир шудааст. Илова бар ин, барои омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва амалии соҳаи журналистика усулҳои зерин ба кор гирифта шудаанд:

- таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ;
- усули мониторинги мазмуну муҳтавои нашрияҳо;
- мусоҳиба бо роҳбарон ва кормандони матбуот;
- таҳлили оморӣ ва маълумоти расмӣ оид ба вазъи ВАО.

**Сарчашмаҳои таҳқиқро** инҳо фаро мегиранд:

– Аввалан, таълифоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ, ки ба мавзуи баррасишаванда мустақим ё ғайримустақим тавъаманд.

– Дувум, қонунҳое, ки фаъолияти ВАО-и нашрии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро то соли 1991 ва баъдан, аз соли 1991 то 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд.

– Сеюм, таҳқиқоти умуминазариявӣ, ки ба ВАО бахшида шудаанд ва ба арзёбии тамоюлоти умумии рушд ва усулҳои амалкарди ВАО-и ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

– Чорум, санаду ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (сабти матбуоти даврӣ, ҳисобот ва дигар

ҳуҷҷатҳо).

– Панҷум, маълумоти оморӣ (натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ, пурсишҳои сотсиологӣ), ҳамчунин, маълумот оид ба нашрияҳои даврӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои аудитории мустақил ва ҳам худи нашриёт пешниҳод карда мешаванд.

Гурӯҳи махсуси сарчашмаҳоро таълифоте ташкил мекунанд, ки ҳам ба ВАО-и даврӣ ва ҳам ба сомонаҳои махсуси интернет мансубанд. Инҳо маводди журналистие мебошанд, ки, аз як ҷониб, имкон медиҳанд нуқтаи назари худи журналистон ба тағйироти мансуб ба соҳаи фаъолияти онҳо муайян гардад, аз ҷониби дигар, сарчашмаи пураҳаммият барои таҳқиқу омӯзиши вижагиҳои фаъолияти нашрияҳо ҳастанд.

Зимни таҳлили матбуоти даврии муосир бо мақсади муайянсозӣ ва баҳогузории нашрияҳо методи мониторинги мазмуну муҳтаво, гузаронидани мусоҳиба бо роҳбарият ва кормандон роҳандозӣ шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгонии илмии диссертатсияро ба тариқи зайл нишон додан мумкин аст:

–Бори аввал таҳлили фарогир ва ҳамаҷонибаи ҷараёни гузариши матбуоти даврии Тоҷикистон аз низоми шуравии иттилоотӣ ба сохтори демократии миллӣ дар солҳои 1991-2020 анҷом дода шудааст.

–Муайян карда шудааст, ки омилҳои калидии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули низоми нави матбуоти тоҷик нақши асосӣ бозидаанд.

–Таснифоти нав оид ба самтҳо ва шаклҳои инкишофи ВАО пешниҳод шудааст, ки дар он матбуот ҳамчун унсури ҷудонопазири низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ арзёбӣ мегардад.

–Собит шудааст, ки нашрияҳои хориҷӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ дар ташаккули амсилаи тиҷоратии матбуоти тоҷик таъсири ҷиддӣ гузоштаанд.

–Сохтори муосири матбуоти тоҷик бо дарназардошти шароити иқтисодӣ ва ҳамгироии он ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

–Аз мавқеи назарияи рақамигардонӣ ва таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ навъи миллии гузариши ВАО-и тоҷик

пешниҳод гардидааст, ки дорои хусусиятҳои вежаи таърихию ичтимоӣ мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Заминаи қонунгузории фаъолияти ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси низоми иттилоотӣ ташаккул ёфтааст. Қонунгузории миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бо дарназардошти равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии давраи Истиқлол заминаи ҳуқуқии фаъолияти матбуоти давриро фароҳам оварда, онро ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намуд.

2. Новобаста аз теъдоди каму маҳдуди нашрияи тоҷикӣ, таҷрибаи ВАО-и хориҷӣ, хусусан, дар заминаи иқтисодӣ ва технологияи расонаӣ ба ташаккули сохтори нави матбуоти даврии тоҷик таъсири назаррас гузоштааст.

3. Сохтори муосири матбуоти тоҷик бо он муайян карда мешавад, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нашри матбуоти даврӣ навъе аз соҳибкорӣ гардида, дар радифи дастрасӣ ба манбаи иттилоот барои ба даст овардани даромад нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, дар шароити муосир ин падида дорои як қатор хусусиятҳост, ки равандҳои тағйиротиро дар низоми васоити ахбори омма инъикос менамояд:

1) Дар сатҳи ҷумҳурӣ:

– Нашрияҳои ҳизбӣ то ҳол мавқеи худро нигоҳ дошта, ҳамчун яке аз абзорҳои муҳимми сафарбарсозии сиёсӣ ва интиқоли идеологӣ дар фазои иттилоотӣ фаъолият мекунанд.

– Ҳамзамон, дар радифи матбуоти расмии давлатӣ, воситаҳои ахбори оммаи мустақил ва хусусӣ дар фазои иттилоотии кишвар ҷойгоҳи устувор касб намудаанд. Аз ҷумла, нашрияҳои босифати даврӣ бо сабаби гуногунрангии мавзуӣ ва муҳтавои замонавии худ тавонистаанд таваҷҷуҳи доимии хонандагонро ба худ ҷалб намоянд ва ҳамчун гунаи воқеӣ ба матбуоти расмӣ баромад кунанд.

2) Дар сатҳи минтақа:

– мушкилоти нашри матбуоти ноҳиявӣ (чопхонаҳои муосир

дар аксар ноҳияҳо нестанд);

– теъдоди ками нашр;

– зуд-зуд ивазшавии кормандони эҷодӣ.

4. Равандҳои таҳаввулотӣ дар матбуоти тоҷик, ки мустақиман бо пошхурии низоми сотсиалистӣ ва оғози таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманданд, дар пояи ба даст овардани Истиқлоли дар самти ташаккули амсилаи тиҷоратии матбуоти даврии ВАО оғоз ёфтаанд. Нақши ВАО дар ҷомеаи муосир дар он ифода меёбад, ки онҳо ба ташаккули муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамчун «қувваи чаҳорум» дар ҷомеа баромад мекунанд. Аз як тараф, матбуоти даврӣ ба рушди гуногунандешӣ, озодии сухан ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда бошад, аз тарафи дигар, он бо мушкилоти рақамикунонӣ, рақобати ВАО-и нав ва зарурати риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ рӯ ба рӯ гардид.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Таҳлил, таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда имкон медиҳад, ки натиҷаҳои илмӣ оид ба равандҳои таҳаввулоти мазмунию моҳиятӣ, гузариш аз низоми вобастагии ВАО ба матбуоти даврии озоду демократӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ғанитар гардида, нақш, мақом ва ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии кишвар муайян карда шаванд. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд, ки зимни гузаронидани таҳқиқоти нисбатан амиқтар ва густурда дар соҳаи журналистикаи муосир истифода гарданд.

Мавод ва натиҷагириҳои рисола метавонанд зимни таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, курсу семинарҳо барои донишҷӯёни бахшҳои журналистика истифода шаванд. Гузашта аз ин, онҳо метавонанд зимни коркарди консепсияҳои сиёсати иттилоотии ВАО дар соҳаҳои гуногун ва таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ барои журналистон муфид бошанд. Нуктаю бахшҳои алоҳидаи таҳқиқ имкон дорад, ки дар фаъолияти касбии журналистон, барои афзоиш ва такмили самаранокӣ ва сифат ҳангоми равшаннамоии масъалаҳои вобаста ба самту соҳаҳои гуногун истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқ имкон фароҳам меоранд, ки моҳият ва вижагиҳои равандҳои таҳаввулот дар матбуоти даврии Тоҷикистон (солҳои 1991-

2020) баррасӣ гардида, ҳамчунин, тавсифи муназзам ва маҷмуии сохтори муосири матбуоти рӯзномавӣ ва маҷаллавии кишвар муяссар гардад.

Маводди таҳқиқ ҳамчун асосу замина имкони коркарди назарияи минбаъдаи мавзуъ, ошкорсозии қонунмандиҳои умумии таҳаввулотӣ дар кишварҳои Осиёи Марказиро ба вуҷуд оварда метавонад. Маводди амалӣ ва хулосаҳои асосии рисоларо зимни таълими таърихи журналистикаи тоҷику хориҷӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан имкон дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050401 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Дар доираи ин ихтисос масъалаҳои зерин мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд:

- таърихи ташаккул ва инкишофи воситаҳои ахбори умум;
- қонунмандиҳои фаъолияти матбуоти даврӣ ва расонаҳои иттилоотӣ;
- нақши ВАО дар раванди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҷомеа;
- таҳаввулоти сохторӣ ва мундариҷавии матбуот дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иттилоот.

Диссертатсия маҳз ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шуда, ба таври мустақим ба доираи таҳқиқоти пешбинишудаи шиносномаи ихтисоси илмии номбурда ворид мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар ҷамъоварии маводди зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳо доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Диссертант дар машварат бо роҳбари илмӣ дар коркарди мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ

гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии довталаб дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ дар конфронсҳои солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2015-2025), семинарҳои кафедраи журналистикаи ҳамин муассиса, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ бахшида ба солҳои 2019-2021 – «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (ш. Кӯлоб, 26-27-уми апрели соли 2019), бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020) ва «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025) мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратмаҷлиси №10, аз 15.05.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мувзуи диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт фасл, ду зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддимаи диссертатсия** аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва

предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ қайд гардидааст.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се фасл иборат аст. Таҳиқ дар фасли аввали боби якум – **«Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** нишон медиҳад, ки давраи аввали Истиқлол яке аз марҳилаҳои тақдирсоз дар рушди расонаҳои миллӣ буд. Пас аз 9-уми сентябри соли 1991 кишвар вориди як воқеияти нав гардид, ки дар он масъалаи сохтани сохтори муосири давлатӣ ва таъмини озодии сухан аҳаммияти фавқулодда пайдо кард. Дар чунин шароит матбуот бояд аз шакли таблиғоти ҳизбӣ, ки ба замони шуравӣ хос буд, берун омада, ба унсури муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёфт. Бино ба андешаи А. Набави, матбуот дар ин марҳила «қувваи муассири сиёсӣ ва воситаи давлатсозӣ гардид, ки бидуни он рушди истиқлолият ғайримумкин буд» [8, с. 6].

Бо вуҷуди он ки солҳои аввали Истиқлол бо ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ тавъам буданд, расонаҳо вазифаи дугона доштанд: аз як тараф, нақши муборизаи сиёсӣ ва идеологиро иҷро мекарданд, аз ҷониби дигар, ҳамчун воситаи ҳифзи хотираи миллӣ ва иттиҳоди ҷомеа амал менамуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар ин давра матбуот ба арсаи муқовимати сиёсӣ кашида шуд ва саҳми он дар муборизаҳои идеологӣ хеле зиёд гардид. Воқеан, «дар ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот худ ба унсури асосии қудрат табдил меёбад» [2, с. 41].

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1997) матбуот имкони эҳёи фаъолият ва

таҳкими заминаҳои ҳуқуқиро пайдо намуд. Ҳукумат сиёсати навро дар самти танзими иттилоот ба роҳ монд ва бо ин роҳ ба фаъолияти нашрияҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ шароити ҳуқуқӣ фароҳам овард. Ин марҳила, ба таъбири муҳаққиқон, «замони ташаккули воқеии плюрализми иттилоотӣ» буд, ки ба низоми расонаҳо рангорангӣ бахшид.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) ҳамчун санади олии сиёсиву ҳуқуқӣ нуқтаи асосии гардиш дар рушди низоми матбуот ба ҳисоб меравад. Моддаҳои он озодии сухан, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва озодии фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро кафолат доданд. Ин қадам Тоҷикистонро ба сӯйи арзишҳои демократӣ раҳнамун сохт ва ба матбуот мақоми ҳуқуқии мустақил бахшид. Таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқии соҳа собит менамояд, ки «қонуни асосӣ нақши устувортарин заминаи фаъолияти ВАО-ро бозид» [1, с. 17].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми солҳои аввали Истиқлол дар он буд, ки дар баробари ташаккули низоми давлатӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ низ ҳамқадам рушд карданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (1990, бо тағйиру иловаҳои минбаъда) на танҳо фаъолияти матбуотро танзим намуд, балки ҳуқуқи рӯзноманигоронро кафолат дод.

Нақши назарияи ҷаҳонии журналистика дар таҳлили шароити Тоҷикистон низ муҳим аст. Масалан, гурӯҳе аз муҳаққиқон матбуотро ҳамчун «василаи тулонӣ намудани ҳиссиёти инсон» арзёбӣ намуда, таъкид мекунанд, ки танҳо дар шароити сиёсати озод ва қонунгузории мукаммал матбуот метавонад робитаи воқеии байни ҷомеа ва давлатро таъмин намояд. Барои Тоҷикистон ин назария дар замони гузариш аҳаммияти хос дошт, зеро матбуот аз идеологияи шуравӣ ҷудо шуда, ба воситаи демократия табдил ёфт.

Муҳаққиқони ватанӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Аз омӯзиши осори илмии дастрас маълум мешавад, ки матбуоти тоҷик аз як воситаи идеологии ҳизби ҳоким ба унсури мустақили иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфта, марҳила ба марҳила меъёрҳои ҷаҳониро қабул намуд. Пажуҳишҳои

олимони тоҷик дар ҳамин замина нишон медиҳанд, ки сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсии давлат ба рушди матбуоти миллӣ мусоидат намудааст. Ба қавли А. Қутбиддинов (Б. Ҳошимзода), «Рӯҳияи иҷтимоиву сиёсии ҳар як нашрияро таъиноту мансубияти он муайяну мушаххас карда метавонанд ва чунин андешаҳо дар мавриди шинохти таъиноту хусусият ва самти фаъолияти нашрияҳо дар замони Истиқлолият ба мураттиб бештар гардид. Дар қиёс бо замони шуравӣ мо имрӯз уфуқҳои мавзуӣ ва ҷиҳатҳои фарогири онро бештар меомӯзему мушаххас менамоем» [4, с. 22].

Дар шароити нави Истиқлол нашрияҳои ҳизбӣ ва мустақил ба вуҷуд омада, фазои иттилоотиро рангоранг сохтанд. Ин падида барои ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти муҳим дошт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаҳои пасошуравӣ маҳз тавассути матбуот таҷрибаи аввалини демократияро аз сар гузарониданд. Маҳз дар ҳамин шароит масоили марбут ба ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, моликияти зеҳнӣ ва танзими реклама дар матбуот низ матраҳ гардиданд. Ин масъалаҳо барои рушди низоми муосир аҳаммияти калидӣ доштанд, зеро бе танзими ҳуқуқӣ фаъолияти босамари расонаҳо имконнопазир буд. Заминаи ҳуқуқӣ на танҳо озодӣ, балки масъулияти иҷтимоиро низ таҳким мебахшад.

Бо дарназардошти тамоми омилҳои зикршуда метавон хулоса кард, ки шароити сиёсию ҳуқуқӣ дар солҳои аввали Истиқлол барои ташаккули низоми нави матбуоти тоҷик заминаи воқеан устувор фароҳам овард. Қонуният, ислоҳоти сиёсӣ ва эҳёи сохторҳои давлатӣ имконият доданд, ки матбуот ба унсури муҳимми ҷомеаи демократӣ табдил ёбад. Имрӯз низ таҷрибаи он солҳо барои арзёбии ҷойгоҳ ва рисолати матбуот аҳаммияти назарӣ ва амалии калон дорад.

**Фасли дуюми боби аввал «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст. Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Тоҷикистон ба оғози Истиқлоли давлатӣ марбут аст. Дар шароите, ки кишвар аз як

низоми сиёсиву иқтисодии шуравӣ ба сохтору ҷомеаи мустақил гузашт, эҳтиёҷ ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро танзим мекарданд, беш аз пеш эҳсос мешуд. Дар солҳои аввали Истиқлол яке аз муҳимтарин масъалаҳо таҳияи қонунҳои нав барои амалӣ намудани фаъолияти озод ва мустақили матбуот буд, зеро қонунҳои замони шуравӣ ба воқеияти нав ҷавобгӯ набуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки соли 1990 қабул шуда буд, аввалин санади ҳуқуқие гардид, ки фаъолияти матбуоти тоҷикро дар давраи нави давлатдорӣ танзим намуд. Ин қонун, ки дар замони гузариш аз сохтори шуравӣ ба Истиқлол амал мекард, бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ озодии сухан ва фаъолияти матбуоти ғайридавлатиро эътироф кард. Бо вуҷуди ин, дар он норасоиҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки минбаъд бо тағйиру иловаҳо ислоҳ гардиданд.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) заминаи устуворро барои ташаккули низоми қонунгузории расонаҳо фароҳам овард. Дар моддаҳои он ҳуқуқ ба сухан, дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти озоди расонаҳо ҳамчун меъёрҳои асосии демократӣ сабт шудаанд. Чунончи, дар моддаи 30-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезад, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Номгӯйи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад» [19]. Дар ҳақиқат, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосӣ барои тамоми қонунҳои соҳавӣ хидмат кард ва ба фаъолияти журналистон кафолати ҳуқуқӣ бахшид.

Дар солҳои минбаъда як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки ба такмили фаъолияти матбуот нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва моликияти зеҳнӣ, инчунин, қонунҳо оид ба танзими фаъолияти реклама дар ВАО ҷойгоҳи муҳим пайдо карданд. Ин

қонунҳо имкон доданд, ки заминаи ҳуқуқии муосир барои фаъолияти иқтисодии расонаҳо фароҳам ояд ва матбуот ба бозори иттилоот ворид шавад.

Дар ҳамин марҳила зарурати муайян кардани масъулияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии рӯзноманигорон низ пеш омад. Масъалаи паҳн накардани маълумоти бардурӯғ, тухматомез ё мухолиф бо арзишҳои миллӣ ва инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳи қонунгузор қарор гирифт. Махсусан, ин масъала дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бо иловаҳои дар солҳои минбаъда ба таври муфассал танзим гардид.

Пажуҳишҳои муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки таҷрибаи Тоҷикистон дар ташаккули заминаи ҳуқуқии матбуот то андозае аз кишварҳои дигари пасошуравӣ фарқ мекунад. Агар дар бархе ҷумҳуриҳо матбуот комилан таҳти назорати давлат боқӣ монда бошад, дар Тоҷикистон тадриҷан модел (сохтору низом)-и нисбатан озод бо риояи талаботи қонунӣ ба вуҷуд омад. Ин ҳолат ба рушди гуногунандешӣ ва ташаккули матбуоти мустақил мусоидат намуд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти зиёде боқӣ монданд. Аз ҷумла, таъмини молиявии нашрияҳо, мушкилоти иқтисодӣ ва вобастагии баъзе аз расонаҳо ба сохторҳои давлатӣ ё гурӯҳҳои сиёсӣ ба рушди пурраи матбуот монеъ гардиданд. Қонунгузорӣ барои бартараф намудани ин мушкилот роҳҳои муайян пешниҳод намудааст, вале дар амал татбиқи онҳо ба шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста буд.

Қонунгузории миллӣ, ҳамчунин, масъалаи муносибати расонаҳо бо сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаро танзим намуд. Ба матбуот на танҳо озодӣ дода шуд, балки уҳдадориҳо низ вогузор гардиданд. Ин масъулият пеш аз ҳама дар эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шахсият ва риояи меъёрҳои ахлоқи журналистӣ зоҳир мегардад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи солҳои аввали Истиқлол барои ташаккули фарҳанги нави ҳуқуқии журналистика замина гузошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ, ки бахшида ба 100-солагии матбуоти

тоҷик рӯзи 10-уми марти соли 2012 баргузор гардид, таъкид намуданд, ки «танқид ҳамчун як падидаи созанда яке аз омилҳои муҳимми рушди ҷомеа маҳсуб меёбад. Озодии андеша, муносибати интиқодӣ ва таҳлилӣ ба воқеаву рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ имконият фароҳам меорад, то нуқсонҳо ва камбудиҳо ошкор гардида, барои ислоҳ ва такмили самтҳои гуногуни фаъолият заминаи воқеӣ муҳайё гардад... Танқид бояд бар асоси таҳлили амиқ ва далелҳои боэътимод ироа гардад» [21, с. 3].

Таҳлили заминаи қонунгузории матбуот нишон медиҳад, ки ҳар як санад бо воқеият ва эҳтиёҷоти ҷомеа иртибот дошт. Ислоҳоти ҳуқуқӣ, аз як тараф, ба мутобиқсозии қонунҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ нигаронида шуда буд, аз тарафи дигар, хусусиятҳои миллиро низ дар бар мегирифт. Аз ин ҷост, ки имрӯз низ қонунгузории матбуот дар Тоҷикистон ҳамзамон хусусияти миллӣ ва умумибашариро дорост.

Метавон гуфт, ки ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳимми давраи Истиқлол мебошад. Қонунгузорӣ на танҳо озодии матбуотро кафолат дод, балки масъулияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онро низ таъйин намуд. Маҳз ҳамин замина имкон дод, ки матбуоти тоҷик дар шароити нав ба унсури муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёбад ва имрӯз низ ҳамчун рукни устувори низоми демократӣ фаъолият кунад.

**«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»»** унвони **фасли сеюми боби якум** мебошад. Яке аз муҳимтарин санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти низоми матбуоти даврии Тоҷикистонро дар давраи Истиқлол танзим намуд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мебошад. Ин қонун соли 1990 ҳанӯз дар солҳои охири ҳокимияти Шуравӣ қабул шуда, минбаъд бо тағйиру иловаҳо такмил ёфт ва ба шароити Истиқлол мутобиқ гардонида шуд. Аҳаммияти ин қонун дар он зоҳир меёбад, ки он нахустин санади муқарраркунандаи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба сухан ва иттилоот мебошад.

Қонуни мазкур барои матбуоти Тоҷикистон як марҳилаи нав кушод. Агар дар замони шуравӣ матбуот танҳо василаи таблиғоти ҳизбӣ ва давлатӣ ба шумор равад, пас, ин қонун озодии фаъолияти расонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро эътироф намуд. Дар он ҳуқуқ ба таъсиси нашрияҳо, фаъолияти мустақили муассисон ва рӯзноманигорон, инчунин, ҳуқуқи паҳн кардани иттилоот ба таври ошкоро таъкид гардидааст.

Муҳиммияти қонун дар ин омил низ зоҳир мегардад, ки он асоси ҳуқуқии гуногунандешӣ ва демократияро фароҳам овард. Бо қабули он нашрияҳои ҳизбӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ таъсис ёфтанд, ки фазои иттилоотии кишварро рангоранг сохтанд. Тавре ки муҳаққиқон ишора мекунанд, маҳз ин қонун имконият дод, ки расонаҳо ба майдони воқеии мубодилаи афкор табдил ёбанд.

Дар айни замон, қонун масъалаи масъулияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ВАО-ро низ танзим намуд. Ҳар нашрия ва рӯзноманигор на танҳо ҳуқуқ ба ифодаи озод дошт, балки вазифадор буд, ки меъёрҳои қонун, ахлоқ ва эҳтироми ҳуқуқи шахсиятро риоя кунад. Маҳз ҳамин талаб қонунро аз ҳуҷҷати яктарафа ба санади мукаммали танзимгар табдил дод.

Дар солҳои минбаъда ба қонун як қатор тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки мутобиқати онро ба воқеият ва меъёрҳои байналмилалӣ таъмин намуданд. Масалан, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, моликияти зеҳнӣ ва танзими фаъолияти реклама дар қонун муқаррар гардида, шароити ҳуқуқии расонаҳоро барои мутобиқат ба талаботи бозори иттилоотӣ беҳтар сохт.

Ҷанбаи дигари муҳимми қонун ин таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоот мебошад. Дар моддаҳои он дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти давлатӣ ва ҷамъиятӣ кафолат дода шудааст. Ин қонун ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Ҳамзамон, қонун ба ҳукумат низ ҳуқуқ медиҳад, ки фаъолияти матбуотро дар доираи қонунгузорӣ назорат кунад. Агар чунин тадбир, аз як тараф, бо мақсади ҳифзи амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ зарур шуморида шавад, аз тарафи дигар, метавонад ба

маҳдудсозии озодии сухан оварда расонад. Ин тавозун то имрӯз яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти расонаҳо боқӣ мондааст.

Дар асоси ҳамин қонун Тоҷикистон ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ВАО низ икдом намуд. Санадҳои ҳуқуқии миллиро тадриҷан бо меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мутобиқ намудан яке аз дастовардҳои муҳимми ин марҳила ба ҳисоб меравад. Дар заминаи ислоҳоти қонунгузории миллӣ дар бораи воситаҳои ахбори омма таҳлили мухтавои моддаи 7-уми Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Дар лоиҳаи пешниҳодшуда, мухтавои модда чунин баён ёфтааст: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ба Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида асос ёфтааст» [20, с. 4].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», дар воқеъ, ҳамчун заминаи асосии ҳуқуқии расонаҳо хизмат кард. Ҳам дар давраи гузариш ва ҳам дар марҳилаҳои минбаъда, он имконият додаю имкон медиҳад, ки матбуоти тоҷик ба як низоми муосир табдил ёбад. Маҳз ин қонун шароитро барои ташаккули матбуоти мустақил ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои демократӣ муҳайё сохт. Агар аз як тараф, қонуни мазкур озодии сухан ва фаъолияти матбуотро кафолат диҳад, аз ҷониби дигар, масъулияти иҷтимоии онро муайян менамояд. Маҳз ҳамин тавозун имкон дод, ки матбуоти тоҷик дар шароити душвори гузариш аз низоми шуравӣ ба Истиқлол устувор гардад ва имрӯз низ ҳамчун рукни муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократӣ фаъолият кунад.

**Дар зерфасли аввали фасли сеюм – «Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он»** масъалаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Таъкид

мегардад, ки дар шароити муосир арзиши асосии ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо моликияти моддӣ, балки натиҷаи фаъолияти эҷодии инсон, яъне моликияти зеҳнӣ мебошад.

Заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зерфасли мазкур баррасӣ шудаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста» (1998, бо тағйироту иловаҳои минбаъда) ҳуҷҷати калидӣ ба шумор меравад. Мувофиқи он, муаллифон, эҷодкорон ва журналистон ҳуқуқ доранд, ки натиҷаи фаъолияти эҷодии худро ҳифз намоянд ва барои истифода гардидан ва ё ба фурӯш рафтани асарҳояшон подош гиранд. Меъёрҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон ба онҳо пайвастааст, ба баррасӣ гирифта шудаанд. Тоҷикистон узви Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СҶМЗ) мебошад ва як қатор шартномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Бернӣ оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва ҳунарӣ ва Шартномаи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи муаллифро эътироф кардааст. Ин санадҳо Тоҷикистонро уҳдадор месозанд, ки меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифро риоя кунад.

Дар зерфасли мазкур масъалаи мушкилоти татбиқи қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ низ матраҳ шудааст. Аз ҷумла, ҳолатҳои истифодаи осори журналистӣ ва адабӣ бидуни розигии муаллифон, норасоии механизмҳои назоратӣ ва савияи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа мушкилоти асосӣ ба шумор мераванд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки қонунҳо танҳо заминаи ҳуқуқӣ медиҳанд, аммо барои иҷрои пурраи онҳо таҳкими сохторҳои амалӣ зарур аст. Ҳамчунин, дар ин фасл ба масъалаи ҳифзи осори марбут ба рӯзноманигорӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Журналистон ва муҳаққиқон аксар вақт бо мушкилоти плагиат, истифодаи бидуни иҷозати мақолаҳо дар расонаҳои дигар ва маҳдудияти дастрасӣ ба механизмҳои қонунӣ дучор мешаванд. Бо такя ба таҷрибаҳои байналмилалӣ пешниҳод мегардад, ки дар Тоҷикистон низ механизми судӣ ва низоми махсуси назорати ҳуқуқи муаллиф тақвият ёбад.

Хулоса, ҳифзи моликияти зеҳнӣ барои рушди устувори журналистика ва матбуоти миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Бидуни таъмини ҳуқуқи муаллифон рушди эҷодкорӣ ва фаъолияти босамари ВАО ғайриимкон мебошад. Ҳамин тавр, заминаҳои қонунӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ пояи муҳим барои ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва пешбурди фаъолияти озоди журналистон мебошанд.

Дар кор ишора мешавад, ки ҳифзи моликияти зеҳнӣ на танҳо манфиати шахсии муаллифонро ҳимоя мекунад, балки ҳамчун як омили рушди иқтисоди миллӣ низ хизмат менамояд. Дар ҷомеаи иттилоотӣ арзиши воқеии маҳсулот бештар ба дониш, иттилоот ва эҷодкорӣ вобаста аст, на ба ашёи моддӣ.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки системаи пурқуввати ҳифзи моликияти зеҳнӣ доранд, тавонистанд фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди соҳаҳои эҷодиро фароҳам оваранд. Пешниҳод мешавад, ки дар Тоҷикистон низ таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ин самт мавриди корбурди бештар қарор гиранд.

Хулосаи фасл ин аст, ки ҳифзи моликияти зеҳнӣ танҳо вазифаи давлат ва сохторҳои судӣ нест. Ин як масъулияти муштараки ҷомеа мебошад, ки дар он ҳам муаллифон, ҳам ВАО, ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам созмонҳои ҷамъиятӣ бояд фаъолона иштирок намоянд.

**Зерфасли дуюми фасли сеюми боби аввал «Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма»** ном дошта, дар он қайд мегардад, ки реклама ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳони тиҷорати муосир аст, аммо истифодаи он танзими ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва таъмини риояи меъёрҳои ахлоқӣ талаб мекунад. Танзими таблиғ дар пешбурди рақобати солим, пешгирии фиреб ва муқаррар кардани меъёру стандартҳое, ки таҷрибаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятнокро дар ҷаҳони таблиғ пешбарӣ мекунанд, нақши муҳим дорад.

Реклама яке аз шаклҳои паҳнкунии иттилоот аст. Мафҳум ва моҳияти рекламаро профессор М. Муродӣ чунин шарҳу тавзеҳ додааст: «Реклама (лот. Reclamo – ҷор задан, нидо кардан; reclamore – талаб кардан, тарафдорӣ кардан) – бо ҳар

гуна шакл бо ёрии воситаҳои гуногун паҳн намудани ахбор дар бораи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, молҳои гуногун, ғояву ташаббускориҳо ва ҷалби мардум ба онҳо; шакли нақдии иртибот, ки тавассути маблағгузории паҳнкунандагон амалӣ мегардад; паёми тиҷоратӣ» [7, с. 280].

Назорати давлатии риояи қонунгузории Тоҷикистон дар бораи реклама аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Хадамоти зиддиинҳисорӣ дорои ваколатҳои васеъ оид ба ошкор ва қатъ кардани қонунвайронкуниҳои қонунгузории рекламавӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи реклама мебошад.

**Боби дуюми** диссертатсия – **«Ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020»** аз ду фасл фароҳам омадааст.

**2.1. «Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».** Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ (1991) дар низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташкили муассисаҳои нави иттилоотӣ ба миён омад. Вазъи сиёсию иҷтимоӣ, рушди низоми давлатдорӣ ва эҳтиёҷоти ҷомеа ба дастрасии фаврии иттилоот талаб мекард, ки сохторҳои касбӣ ва муосири паҳнсозии хабар таъсис дода шаванд. Дар ин замина, оҷонсиҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми матбуоти даврӣ шакл гирифта, ба сифати сарчашмаи асосии иттилоот барои рӯзномаву маҷаллаҳо, радио ва телевизион ба фаъолият оғоз намуданд. Ба андешаи профессор М. Муродӣ «Дар номи аксари оҷонсиҳо калимаи «телеграф» ҳамчун ишора ба таърихи ташкили онҳо нигоҳ дошта шудааст. Аз соли 1990 паҳн намудани иттилооти оҷонсиҳо тариқи алоқаи модемӣ низ сурат мегирад. Имрӯз оҷонсиҳо ахбори тозаро дар Web-сайтҳои худ ҷой медиҳанд, ки дасрасии он озод аст» [7, с. 253].

Аввалин ва муҳимтарин оҷонсии иттилоотии кишвар – **Агентии миллии иттилоотии «Ховар»** мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. «Ховар» вазифаи асосии худро дар паҳнсозии иттилооти расмии давлатӣ,

ахбори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дохилӣ, инчунин муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебинад. Дар давраи Истиқлол агентӣ на танҳо хабаргузорӣ, балки як маркази бузурги таҳлили сиёсати дохиливу хориҷӣ гардид.

Дар баробари «Ховар» як қатор оҷонсиҳои иттилоотии хусусӣ ва мустақил низ ташкил шуданд, ки вазифаи асосии онҳо паҳн кардани иттилооти гуногун ва қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷомеа ба ахбори фаврӣ мебошад. Аз ҷумла, оҷонсиҳои «Азия-Плюс», «АП «Регион», «Инфо-ТОЧ», «Тоҷнюс» ва дигарон саҳми назаррас дар рушди бозори иттилоотӣ гузоштанд. Ин оҷонсиҳо бо пешниҳоди хабарҳои фаврӣ, гузоришҳои таҳлилӣ ва маводди махсус фаъолияти матбуоти давриро вусъат бахшидаанд.

Фаъолияти оҷонсиҳои иттилоотӣ бо мушкилоти ҷиддӣ низ рӯ ба рӯ шуд. Ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва ноустувории сохтори иҷтимоӣ ба кори онҳо таъсири манфӣ расонд. Бо вуҷуди ин, агентиҳои иттилоотӣ тавонистанд фаъолиятро идома дода, ҷомеаро бо иттилооти зарурӣ таъмин намоянд. Хусусан, дар давраи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ нақши «Ховар» ва дигар расонаҳо дар паҳн кардани сиёсати сулҳофаринии роҳбарияти кишвар хеле муҳим буд.

Оҷонсиҳои иттилоотии мустақил бештар ба бозор ва талаботи ҷомеа такя мекарданд. Онҳо аксар вақт ба мавзуъҳои доғи рӯз, ба мисли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ рӯ меоварданд. Бо истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва усулҳои журналистикаи таҳқиқотӣ онҳо ба аудиторияи васеъ хизмат мерасонданд. Ин таҷриба ба рушду гуногунрангии манбаъҳои иттилоотӣ ва рақобати солим байни расонаҳо мусоидат намуд.

Масъалаи қонуният ва танзими ҳуқуқии фаъолияти оҷонсиҳои иттилоотӣ низ аҳаммияти махсус дошт. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ асоси фаъолияти онҳо гардиданд. Бо дарназардошти тағйирёбии шароити сиёсӣ ва иқтисодӣ давлат кӯшиш намуд, ки фаъолияти

агентиҳо дар чаҳорчӯбаи қонун танзим шавад, вале, ҳамзамон, шароити рақобати озод низ фароҳам орад.

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, оҷонсиҳои хабарӣ тадриҷан ба интернет гузаштанд. Сомонаҳои расмӣ ва хидматҳои онлайнӣ имкон доданд, ки хабарҳо бо суръати баландтар ва ба аудиторияи васеътар дастрас гарданд. «Ховар» ва «Азия-Плюс» аз аввалин агентиҳо буданд, ки сомонаҳои худро таъсис доданд ва имрӯз қисми зиёди хабарҳои худро тавассути интернет паҳн мекунанд. Ҳамзамон, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Telegram ва ғайра) низ ба як василаи муҳимми интиқоли иттилоот табдил ёфт.

Нақши агентиҳои иттилоотӣ дар паҳнсозии иттилооти байналмилалӣ низ қобили зикр аст. Тавре муҳаққиқи соҳа С. Мирзоалӣ қайд мекунад: «Ахбори байналхалқии дар матбуоти рӯзмарраи асри XVIII инкишоф ёфта, натиҷаи робитаи зиччи байни тавсеаи тиҷорати хориҷӣ ва хабарҳои хориҷӣ буд. Маҳз авҷ гирифтани мустамликадорӣ буд, ки ҷамъоварии ахбори байналхалқӣ ташкил ва ба таври доимӣ гузаронда шуд. Агентиҳои иттилоотии давлатҳои Аврупо иттилоотро ҳамчун мол ҷиҳати дарёфти сармоя корбаст намуда, ҳамзамон, дар масъалаи таъмини амнияти равонии империализм саҳм гузошта, дар хусуси халқҳои маҳаллӣ стериотипҳоро дар шуури аудиторияи худ ба вуҷуд оварданд» [5, с. 29].

Агентиҳои иттилоотӣ на танҳо хабарҳои дохилиро ба шаҳрвандон мерасонанд, балки Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамоянд. Бо истифода аз ҳамкориҳо бо агентиҳои хориҷӣ, аз қабили «ИТАР-ТАСС», «РИА Новости», «Синьхуа», «Ассошиэйтед Пресс», онҳо имконият ёфтанд, ки мавқеи кишварро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ тақвият бахшанд.

Бо вуҷуди дастовардҳо, мушкилоти зиёде боқӣ мемонанд: таъмини молиявӣ, такмили ихтисоси кормандон, беҳтарсозии дастрасӣ ба иттилооти расмӣ ва таъмини сатҳи баланди мустақилияти таҳририя. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 1991-2020 оҷонсиҳои иттилоотӣ ба як бахши ҷудонашавандаи низоми матбуоти миллӣ табдил ёфта, ба

рушду таҳкими фазои иттилоотии кишвар саҳми арзанда гузоштаанд.

Хулоса, агентиҳои иттилоотӣ дар давраи Истиқлол ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми нави матбуоти даврии Тоҷикистон ташаккул ёфтанд. Онҳо на танҳо дар интиқоли хабарҳо, балки дар таҳлили сиёсати давлатӣ, ташаккули афкори умум ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ нақши муассир гузоштанд. Бидуни фаъолияти агентиҳои иттилоотӣ, рушди низоми муосири матбуоти тоҷик тасаввурнопазир аст.

**2.2. «Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ».** Давраи аввали Истиқлол барои расонаҳои Тоҷикистон марҳилаи бисёр мураккаб, вале таърихӣ буд. Аз як тараф, ҳанӯз анъанаҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар фаъолияти матбуот ҳукмфармо буданд, аз тарафи дигар, эҳтиёҷоти ҷомеаи навтаъсис ба иттилооти гуногун ва афкори мустақил хеле афзуда буд. Матбуот ҳамчун "қувваи чоруми давлат" дар ташаккули худшиносии миллӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ ва густариши ғояҳои озодандешӣ нақши муҳим бозид.

Яке аз хусусиятҳои асосии фаъолияти ВАО дар солҳои аввали Истиқлол ин буд, ки онҳо ба майдони муборизаҳои сиёсӣ ва идеологӣ табдил ёфтанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз рӯзномаву маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизионӣ ҳамчун минбар барои тарғиби мавқеи худ истифода мебурданд. Ин раванд ба пайдоиши гуногунандешии воқеӣ дар расонаҳо ва густариши баҳсҳои сиёсӣ мусоидат кард.

Профессор А. Саъдуллоев байни мафҳумҳои озодӣ, озодандешӣ ва озодии матбуот тафриқа гузошта, онҳоро ба тариқи зайл маънидод кардааст: «Шахси озод касест, ки дар мулки худ бе биму хатар, бидуни эҳсоси хавф зиндагии ҳамарӯза ба сар мебарад ва аз ҳамаи неъматҳои моддию маънавии мавҷуда баҳрабардор аст. Озодандешиӣ гуфта – тавонистани нуқтаи назар буду ҳаст. Матбуот бошад, дар доираи қонунҳое амал мекунад, ки ҷомеа барояш аз тариқи органҳои қонунбарор таъин кардааст. Озодандешӣ маънии

хилофи анъаноти маъруфи маъмулии ҷомеа амал карданро надорад» [12, с. 10].

Нақши матбуоти даврӣ дар ба вуҷуд овардани муҳити гуногунандешии сиёсӣ, махсусан, дар солҳои 1991-1992 возеҳ дида мешуд. Нашрияҳои гуногун андешаҳои мухталифро ироа намуда, сиёсати давлат ва ҳизбҳои мухолифро ба баҳс мегузоштанд. Ҳамзамон, расонаҳои давлатӣ бештар мавқеи расмии ҳукуматро пуштибонӣ мекарданд, дар ҳоле ки матбуоти мустақил ва хусусӣ назари мухолифонро инъикос менамуд.

Дар ин давра бисёр рӯзномаҳо бо муҳтавои сиёсӣ ва иҷтимоии худ ба макони ифодаи афкори ҷомеа табдил ёфтанд. Масалан, нашрияҳои «Садои мардум», «Ҷумҳурият», «Бизнес и политика» ва «Наҷот» минбарҳои асосии мубоҳисаҳои сиёсӣ буданд. Дар саҳифаҳои онҳо баҳсҳои шадид миёни ҷонибдорони ҳукумат ва мухолифон сурат мегирифт, ки ин ҳолат ба ташаккули фарҳанги нави сиёсии ҷомеа мусоидат кард. Ҳамзамон, гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳо ба низоъҳои дохилӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 низ таъситр гузошт. Нашрияҳо мавқеи тарафдори худро фаъолона тарғиб менамуданд. Ин вазъ боис шуд, ки матбуот ба воситаи муборизаҳои сиёсӣ табдил ёфта, баъзан ба таниши иҷтимоӣ ва иғвоҳо мусоидат намояд.

Бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1997) фаъолияти расонаҳо ба марҳилаи нав ворид гардид. Давлат кӯшиш кард, ки гуногунандеширо дар чаҳорчӯбаи қонунӣ танзим намояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва дигар санадҳои меъёрӣ асоси ҳуқуқии фаъолияти озоди ВАО гардиданд. Бо вуҷуди ин, масъалаи таъмини тавозуни байни озодии баён ва масъулияти иҷтимоӣ ҳамоно мушкил боқӣ монд.

Дар солҳои минбаъда матбуоти даврӣ тадриҷан аз минбари муборизаҳои сиёсӣ ба фазои иттилоотӣ бо хусусияти бештар касбӣ ва таҳлилӣ табдил ёфт. Гуногунандешии сиёсӣ, ки дар ибтидои Истиқлол баъзан ба иғво ва мунокишаҳо оварда буд, ба марҳилаи созандагӣ ва ҳамкорӣ ворид гардид.

Нашрияҳо бештар ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯ оварданд, аммо ҳамзамон интиқоди солим аз сиёсати давлатӣ низ боқӣ монд.

Бо пайдоиши шабакаҳои иттилоотии хусусӣ ва оҷонсиҳои хабарӣ, гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳо шакли васеътар гирифт. Акнун на танҳо матбуоти чопӣ, балки телевизион, радио ва интернет низ ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ табдил ёфтанд. Ин раванд ба баланд гардидани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа мусоидат намуд ва матбуотро ба омили муҳим дар таҳкими истиқлолият табдил дод.

Хусусияти дигари фаъолияти ВАО дар ин марҳила он буд, ки онҳо ба ташаккули афкори умум дар масъалаҳои калидӣ, аз қабили ваҳдати миллӣ, барқарории сулҳ ва истиқрори давлатдории миллӣ саҳм гузоштанд. Нашрияҳо ва барномаҳои телевизионӣ бо ташвиқи арзишҳои сулҳу ризоият ба эҷоди муҳити иттифоқ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа мусоидат карданд.

Дар маҷмуъ, фаъолияти расонаҳои Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлол ҳамчун падидаи дуҷониба зуҳур кард: аз як тараф, онҳо муҳити гуногунандешии сиёсиро фароҳам оварданд, аз тарафи дигар, ба низоъҳои дохилӣ низ таъсир расонданд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи матбуот дар ин давра нишон дод, ки озодии баён ва гуногунандешии сиёсӣ ҷузъи ҷудонашавандаи рушди ҷомеаи демократӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ мебошад.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Нақш ва мақоми ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

**3.1. «Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа».** Дар таҳқиқ қайд мегардад, ки пас аз ба даст овардани Истиқлол (1991) ҷомеаи тоҷик ба марҳилаи нави рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ ворид шуд, ки дар он ВАО вазифаи муҳим, яъне робитаи байни давлат ва ҷомеаро иҷро мекарданд. ВАО бо инъикоси қонунҳои нав, ислоҳоти сиёсӣ ва барномаҳои давлатӣ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон мусоидат намуданд. Профессор Ҷ. Муқим таъкид менамояд, ки

«Давлатҳои абарқудрат барои амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикии худ ба ҳар роҳу восита тарғибот мебаранд. Дар ин ҳол ВАО аз олотҳои асосии тарғибот маҳсуб мешавад» [6, с. 9]. Маълум мешавад, ки ВАО на танҳо дар расонидани иттилоот накш доранд, балки яке аз василаҳои асосии тарғибот низ маҳсуб меёбад.

Фаъолияти ВАО дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) як санҷиши ҷиддӣ гардид. Дар ин давра бархе нашрияҳо ва барномаҳои радиоиву телевизионӣ ҳамчун воситаи таблиғ ва мубориза истифода мешуданд. Бо вуҷуди ин, қисми дигари ВАО бо нашри маводди сулҳҷӯёна ва даъват ба гуфтушунид нақши мусбати худро нишон доданд.

Нуқтаи муҳимми дигар он аст, ки баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни 1997) ВАО ба як абзори муассири таблиғи ваҳдати миллӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ табдил ёфтанд. Матбуоти даврӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ мавзуъҳои ваҳдат, таҳаммулгароӣ ва ҳамзистиро ба таври густурда инъикос мекарданд.

Дар фасли мазкур, ҳамчунин, ба нақши ВАО дар баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ таваҷҷуҳ шудааст. Журналистон бо чопи мақолаҳои таҳлилӣ, гузоришҳои муфассал ва мусоҳиба бо шахсиятҳои сиёсӣ барои рушди шуури ҷамъиятӣ ва боло бурдани савияи маърифатии шаҳрвандон саҳм гузоштанд. Ин раванд ба пайдоиши фазои нави гуногунандешӣ ва баҳсҳои созанда мусоидат намуд.

ВАО дар замони гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ низ вазифаи иттилоотӣ ва маърифатиро иҷро кардаанд. Нашрияҳо масъалаҳои хусусигардонӣ, сиёсати иқтисодӣ ва ислоҳоти иҷтимоиро шарҳ дода, барои баланд бардоштани дониши иқтисодии ҷомеа ёрӣ расониданд. Ҳамин тавр, ВАО на танҳо нақши сиёсӣ, балки вазифаи иҷтимоӣ ва иқтисодиро низ иҷро менамуданд. Илова бар ин, дар ин фасл нақши ВАО дар рушди фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба воситаи барномаҳои телевизионӣ, мақолаҳои таҳлилӣ ва барномаҳои фарҳангӣ ВАО ба эҳёи суннатҳо,

арзишҳои миллӣ ва тарғиби забони давлатӣ саҳми назаррас гузоштанд.

Ғайр аз ин, зикр мегардад, ки ВАО дар замони Истиқлол ба як воситаи муҳимми ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфтанд. Ба воситаи матбуоти даврӣ ва расонаҳои электронӣ шаҳрвандон имконият пайдо карданд, ки назару мавқеи худро нисбат ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ баён намоянд. Ин амр ба таҳкими масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки фаъоли аҳолӣ дар раванди идоракунии давлат мусоидат намуд.

Абзори дигари муҳим он аст, ки ВАО дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ низ нақш муҳим бозиданд. Ба воситаи барномаҳои телевизионӣ ва мақолаҳои рӯзноманигорӣ Тоҷикистон тавонист симои худро ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва дорои сиёсати хоксорона дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунад. Маводди ВАО ба ташаккули афкори мусбат дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намуданд.

Маълум аст, ки дар ҳар кадом ҷомеа ва кишвар ВАО хусусиятҳои фарққунанда ва ба худ хос доранд. Ба андешаи профессор И. Усмонов «Ахбори умумӣ барои ҳама, яъне омма равона шудааст, барои афкори ин гурӯҳ мувофиқ меояд, мавқеи ягонаи онҳоро ба амал меорад, ё ба вуҷуд овардан мехоҳад, аз нигоҳи маъно ва арзиш (қиммат) ба гирандаҳо дасрас шудан, барои иштироки амалии ҳар кас имконпазир будан. Ин ва монанди ин соири хислатҳои воситаҳои ахбори омма рӯҳияи иҷтимои сиёсии онро пурқувват мекунанд» [16, с. 8-9].

Дар умум, ВАО дар давраи Истиқлол аз як воситаи ахбори оддӣ ба унсури стратегии рушди давлат ва ҷомеа табдил ёфтанд. Онҳо дар баробари иҷрои вазифаи иттилоотӣ, вазифаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифативу тарбиявиро низ ба зимма гирифтанд. Ҳамин тавр, нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими истиқлолият ва рушди устувори Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ пайдо намуд.

**3.2. «Марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ».** Низоми журналистикаи тоҷик, ки то соли 1991 зери қолабҳои идеологӣ ва сиёсати ягонаи ҳизбӣ фаъолият мекард, баъди ба даст овардани Истиқлол ба раванди нави таърихӣ

ворид гардид. Аз ҳамин замон ба журналистикаи миллӣ зарурати мутобиқ шудан ба шароити нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ пеш омад. Барои тавсифи дақиқи ин раванди пурпечутоб, марҳилаҳои асосӣ ҷудо карда шудаанд, ки ҳар кадом хусусият ва мушкилоти хосси худро доранд.

*Марҳилаи аввал (1991-1997)* давраи оғози Истиқлол ва ҷанги шаҳрвандӣ буд, ки барои матбуоти тоҷик имтиҳони ҷиддӣ ба шумор мерафт. Дар ин марҳила ВАО дар шароити вазнини иқтисодию сиёсӣ фаъолият мекарданд: мушкили норасоии қоғаз, қатъи чопи баъзе рӯзномаҳо, маҳдуд шудани имкониятҳои молиявӣ ва ҳамзамон фишори сиёсӣ. Бо вуҷуди ин, рӯзноманигорон кӯшиш карданд, ки матбуот ҳамчун минбари ваҳдат, ҳифзи Истиқлол ва таблиғи сулҳ истифода шавад. Бисёре аз мақолаҳо ва барномаҳои телевизионӣ мардумро ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ ва ҳамзистӣ даъват мекарданд. Яъне, ҳадафи асосӣ дар ин марҳила – ҳифзи субот ва худшиносии миллӣ буд, ҳарчанд худи журналистика то андозае зери таъсири гурӯҳҳои сиёсӣ қарор дошт.

*Марҳилаи дуюм (1997-2010)* ба давраи пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мувофиқат мекунад. Ин марҳила бо барқарории суботи сиёсӣ, оғози ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ташаккули заминаҳои нави сиёсати иттилоотӣ тавсиф мешавад. Журналистикаи тоҷик дар ин давра нақши муҳим дар барқарорсозии эътимоди ҷамъиятӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ бозид. Матбуот аз қолаби таблиғоти сиёсӣ ба муҳити гуногунандешии нисбатан васеъ гузашта, мақолаҳои таҳлилӣ, очеркҳо ва жанрҳои гуногуни публитсистиро бештар истифода бурд. Ҳамзамон, тавассути барномаҳои телевизионӣ ва радиороҷеъ ба арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва масъалаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ афзуд. Ба ин васила, матбуот ба як абзори муҳим дар рушди шуури сиёсӣ ва фарҳанги демократӣ табдил ёфт.

*Марҳилаи сеюм (2010-2020)* бо воридшавии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва густариши технологияҳои нав тавсиф мешавад. Дар ин давра интернет, сомонаҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба муҳити иттилоотии миллӣ ворид шуда,

онро ба куллӣ тағйир доданд. Агар дар марҳилаҳои гузашта рӯзномаҳо ва телевизион манбаи асосии иттилоъ буданд, дар ин марҳила расонаҳои электронӣ ва онлайн ҷойгоҳи хос гирифтанд. Ин раванд имкониятҳои нав фароҳам овард: дастрасии зуд ба хабарҳо, гуногунандешии бештар ва ҳамгирой бо расонаҳои байналмилалӣ. Аммо дар баробари ин, таҳдидҳои нав низ ба миён омаданд – паҳншавии иттилооти носанҷида, афзоиши маводди таблиғотӣ ва таъсири манбаъҳои беруна ба афкори ҷомеа.

Ҳар як марҳила на танҳо мушкилот, балки дастовардҳои муайян низ дошт. Марҳилаи аввал бо вуҷуди вазнинии сиёсӣ матбуотро ҳамчун василаи ваҳдат ва ҳифзи Истиқлол муаррифӣ намуд. Марҳилаи дуюм шароити мусоид барои густариши гуногунандешӣ ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам овард. Марҳилаи сеюм бошад, бо воридшавии технологияҳои рақамӣ ва ҳамгироии иттилоотии ҷаҳонӣ имкониятҳои сифатан навро барои журналистикаи тоҷик кушод. Муҳаққиқи соҳа Д. Яқубова мисоли равшани чунин таҷрибаро фаъолияти оҷонсии иттилоотии «Азия-Плюс» ҳисобида, онро ҳамчун намунаи табдил ёфтани лоиҳаи ибтидоии иттилоотӣ ба сохтори устувори бозорӣ муаррифӣ карда, ба чунин натиҷа расидааст: «Як омилҳои асосии муваффақияти ин гуна лоиҳаҳо қобилияти роҳбарон дар интихоби мутахассисони огоҳ, коршиносон ва кормандони масъулиятшинос мебошад, ки на танҳо қобилияти касбӣ, балки неруи омӯхтан ва пешрафтро низ доро мебошанд» [18, с. 39].

Дар умум, марҳилабандии фазои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки таҳаввулоти матбуоти миллӣ дар даврони Истиқлол аз назари илмӣ ва таърихӣ дақиқ арзёбӣ гардад. Ҳар марҳила ҳамчун ҳалқаи пайвастаи як раванди ягона амал намуда, дар маҷмуъ, ба ташаккули низоми матбуоти миллӣ, таҳкими Истиқлол ва рушди ҷомеаи демократӣ мусоидат кардааст.

## ХУЛОСА

1. Оғози таҳаввулоти куллии ҷаҳон дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо равандҳои дохилии

Иттиҳоди Шуравӣ иртибот дошт. Дар шароити шиддатёбии рақобати иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ миёни кишварҳои пешрафтаи капиталистӣ ва давлатҳои сотсиалистӣ шаклгирии муносибатҳои нави байналмилалӣ оғоз гардид. Ин равобит аксаран хусусияти дуҷониба доштанд, зеро бар пояи муносиботи печидаи рақобат ва ҳамзистии иҷбории ду абарқудрати ҷаҳонӣ – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Шуравӣ бунёд ёфта буданд. Маҳз дар чунин замина зарурати бознигарии нақш ва вазифаи воситаҳои ахбори омма ҳамчун абзори таъсири идеологӣ ва ҷузъи муҳимми мубориза геополитикӣ ба миён омад [2-М].

2. Аз ибтидои соли 1991 низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави тағйироти сохторӣ ворид гардид, ки дар он гузариш аз модели шуравии идоракунӣ ба низоми мутамарказ дар шакли нави он сурат гирифт. Ҳарчанд шиорҳои демократия ва озодии матбуот ба таври расмӣ садо медоданд, аммо усулҳои маъмурӣ ва фармондеҳии пешина то ҳол дар муайянсозии сохтору низоми асосии фаъолияти нашрияҳо ва муқоисаи онҳо нақши асосӣ мебозиданд.

Дар ин давра, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба таври номӣ ба ҳайатҳои эҷодӣ тааллуқ доштанд, вале бинобар набудани захираҳои молиявии кофӣ маҷбур буданд, ки барои таъмини идомаи фаъолияташон сармоягузоронро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷ ҷустуҷӯ намоянд.

Гузариши моликияти нашрияҳои мустақил ба дасти сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ оғози марҳилаи тиҷоратикунонии воситаҳои ахбори умум дар Тоҷикистонро ифода менамуд. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо дигар кишварҳои пасошуравӣ ин раванд дар дохили ҷумҳурӣ бо суръати суст ва бо монеаҳои ҷиддии иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид [1-М; 5-М].

3. Дар солҳои 1992-1997, сарфи назар аз бекор гардидани маҳдудиятҳои идеологӣ дар сатҳи расмӣ, аксари нашрияҳои чопии тоҷикӣ ҳамоно дар чорчӯби идеологияи қаблии шуравӣ ва ё худ «советизм» фаъолият доштанд. Гарчанде бархе аз ин васоити ахбори умум расман аз фаъолият боздошта шуданд ё

марҳилаи дубораи бақайдгириро паси сар накарданд, онҳо равиши маъмул ва мафҳумҳои устувори худро дар инъикоси равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ нигоҳ медоштанд ва назари мустақили худро доир ба суръат ва шаклҳои ин ислоҳот баён менамуданд. Яке аз мавзуъҳои маркази баҳсҳои иҷтимоӣ ва сиёсии он давра интихоби самти минбаъдаи рушди Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил ва миллати ягона буд. Маҳз дар ҳамин замина на афзоиши нашрияҳои хусусии тиҷоратӣ, балки таҳкими босуръати матбуоти ҳизбӣ ва миллӣ, инчунин, сиёсикунонии амиқи матбуоти суннатӣ ба мушоҳида мерасад [1-М; 6-М].

4. Пас аз ба даст овардани Истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккули низоми нави давлатдорӣ ба шароити мураккаби муқовимати сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид. Ин омилҳо монеаи ҷиддии татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ шуданд, ки дар шароити мазкур бо сустӣ ва бетаҳаммулӣ ҷараён мегирифтанд. Дар дохили кишвар, бархе аз нашрияҳои чопӣ ба маблағгузории маҳдуд дастрасӣ доштанд, аммо ин дастгирии молиявӣ натавонист шароити ҷалби сармоягузории ҷиддиро ба соҳаи воситаҳои ахбори омма фароҳам оварад. Дар натиҷа, рушди институтсионалии ВАО ва раванди демократисозии фазои иттилоотӣ ба таври назаррас боздошта шуданд [3-М; 7-М].

5. Имзои созишномаи сулҳ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар соли 1997 ҳамчун як марҳилаи муҳимми таърихӣ дар равандҳои ташаккул ва рушди воситаҳои ахбори оммаи кишвар, бахусус, матбуоти чопӣ арзёбӣ мегардад. Ин гардиши сиёсӣ оғози таҳаввулоти пайдарпайро дар самти сиёсати дохилӣ ба миён овард, ки ин раванд ба низоми иттилоотӣ ва фазои расонаии мамлакат низ таъсири амиқ гузошт. Дар асоси шароити нав, заминаи қонунгузории нав таҳия гардид, ки дар он ҳадафи Тоҷикистон ба воридшавӣ ба созмонҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии меъёрҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шуд. Ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ боиси коҳиш ёфтани хавфҳои сармоягузорӣ гардид ва

имконият фароҳам овард, ки матбуот ҷиҳати иқтисодисозӣ ва тиҷоратикунонии фаъолиятҳои худ қадамҳои устувор гузорад. Дар натиҷа, равандҳои гузариши расонаҳои миллӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва муҳити нисбатан озоди иттилоотӣ ба таври воқеӣ оғоз гардиданд [6-М; 7-М].

6. Дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва демократӣ гардидани сохторҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои матбуоти миллӣ зина ба зина бахшҳои нави расонаҳои босифат ташаккул ёфтанд, ки пештар дар доираи низоми журналистикаи шуравӣ ва умуман, сотсиалистӣ вуҷуд надоштанд. Бо мақсади бақои иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ дар бозори ВАО-и чопӣ, аксари рӯзномаву маҷаллаҳо маҷбур шуданд самти фаъолияти худро тағйир диҳанд ва аз муҳтавои хосси сиёсӣ ба мундариҷаи универсаливу гуногунсоҳа гузаранд.

Яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани аудиторияи хонандагон ворид намудани маводди фароғатӣ ва ғайрисиёсӣ дар ҳаҷми назаррас гардид. Ҳарчанд маҷаллаҳои молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ кӯшиш мекарданд сатҳи таҳлилӣ ва меъёрҳои баланди журналистикиро нигоҳ доранд, бо вуҷуди он ба буҳрони амиқ дучор гардиданд. Дар ҳамин ҳол, расонаҳое, ки шакл ва мазмуни сабук ва оммавӣ доштанд, рушду тавсеаи устуворро таҷриба мекарданд.

Аз ҷумла, бахшҳое чун барномаҳои нақлиётӣ ва телевизионӣ, маҷаллаҳои махсуси занона, нашрияҳое, ки ба тарзи ҳаёти солим, беҳбуди зиндагии хонаводагӣ ва истеъмолоти рӯзмарра бахшида шудаанд, ҷаззобияти бештар барои таблиғгарон пайдо карданд ва аз лиҳози молиявӣ устувор гардиданд. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки матбуоти Тоҷикистон дар давраи пасошуравӣ на танҳо ба равандҳои бозорсозӣ ва тиҷоратӣ ворид шуд, балки тағйироти қобили мулоҳизаи талаботи аудиторияро низ таҷассум менамояд [3-М; 4-М].

7. Бо вуҷуди шумораи зиёди чопхонаҳои хурд нашрияҳои калони миллӣ низ буданд, ки дар ташаккули амсилаи (модели) муосири тиҷорати ВАО-и чопии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доштанд. Воридшавӣ ба бозори нашрияҳои калони хориҷӣ, ки ба истеҳсоли нашрияҳои даврии таблиғӣ тахассус доранд, роҳи

рушди минбаъдаи васоити ахбори оммаи тоҷикро муайян кард. Ҳафтаномаҳои нави пайдошуда дар асоси амсилаи аврупоӣ сохта, ба талаботи бозори ВАО-и Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд [3-М; 6-М].

8. Дар айни замон, раванди тамаркузи васоити ахбори омма дар дасти нашрияҳои калони маҷмуӣ идома дорад. Хоҳиши кам кардани хароҷоти нашрияҳои даврӣ барои минтақаҳо аз ҷониби ин нашриёт низоми шабакаи ВАО-и минтақавиро ба вуҷуд овард [1-М; 5-М].

9. Паст шудани шумораи хонандагон маҷаллаҳои калонро маҷбур мекунад, ки на танҳо рақибони заифро аз бозор берун баробаранд, балки сегментҳои нави бозорро аз худ кунанд. Дар солҳои охир равандҳои мутамарказсозии васоити ахбори омма вусъат меёбанд, ки бештар дар шакли муттаҳидсозии рубрикаҳо ва нашрияҳои даврӣ мутобиқ ба манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва ҳадафманд сурат мегирад. Бештар шабакаҳои бузурги иттилоотӣ ба нашри рӯзномаву маҷаллаҳои махсусгардонидашуда иқдом мекунанд, ки дар гузашта таҳти сарпарастии иттиҳодияҳои касбӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамуданд. Ин раванд на танҳо тамоюли афзояндаи муҳтавои мақсаднокро ифода мекунад, балки нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба модели бозорӣ, масъулиятҳои таҳририя ва ташкилии ВАО низ таҷдид ва бозтақсим мешаванд. Бо мақсади тавсеаи доираи хонандагон шумораи бештари нашрияҳо ба рушди рӯзномаву маҷаллаҳои электронӣ ё нусхаҳои онҳо дар Интернет талош мекунанд [1-М; 4-М].

10. Вазъи ҳозираи матбуоти тоҷик, асосан, аз он вобаста аст, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нашри маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо яке аз намудҳои соҳибкорӣ барои гирифтани фоидаю даромад гардидааст. Пайдо шудан дар бозори матбуоти чопии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз байн рафтани баъзе намудҳои матбуоти даврӣ, асосан, ба фаъолияти тиҷоратии ноширон вобаста аст [2-М; 4-М].

11. Таҳқиқи соҳаи ҳуқуқии фаъолияти ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳаввулоту гузаришҳо ба хулосае меорад, ки он бештар ба сохтани амсилаи ғарбӣ нигаронида шудааст, ки аз як тараф, зарурати мутобиқ намудани

қонунгузории дохилӣ бо талаботи умумиҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар, зарурати таъмини самаранокии фаъолияти ВАО дар фазою муҳити иқтисоди бозорӣ тақозо мекунад [3-М; 7-М].

12. Хулосаҳои асосии омӯзиши рушди матбуоти даврӣ дар Тоҷикистонро барои солҳои давраи соҳибихтиёрию мустақилият чунин муқаррар намудан мумкин аст:

а) Пайдоиши нашрияҳои хусусӣ ва давлатӣ, ки дар баробари васоити анъанавии ахбори умум фаъолият мекарданд, оғози як марҳилаи нави ташаккули фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони пасошуравӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд ба ифодаи тағйироти сохторӣ дар низоми расонаӣ ишора мекунад, ки бо эҳтиёҷоти замони нав ва ҷараёни демократикунонии ҷомеа алоқаманд аст.

б) Афзоиши шумораи рӯзномаву маҷаллаҳо бо самтгириҳо ва шаклҳои гуногуни ташкилии ҳуқуқӣ, ҳамчун нишонаи равшани рӯ овардан ба плюрализм расонаӣ ва ифодаи эҳсосу манфиатҳои гуногуни қишрҳои ҷомеа баромад мекунад. Ин тамоюл бозтоби равандҳои ислоҳотии иттилоотӣ ва озодсозии сухан дар шароити таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар арзёбӣ мегардад [3-М; 5-М].

13. Раванди тағйирёбии сохтори матбуоти даврӣ дар даврони пасошуравии Тоҷикистон бо мушкилиҳои ҷиддӣ дучор гардид. Ҷараёни тағйироти шаклию сохторӣ дар шароити мураккаби сиёсӣ ва бӯҳрони амиқи иқтисодӣ ба амал омад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои аввали Истиқлол фаро гирифта буданд. Омилҳои зикршуда таъсири амиқ ба фаъолияти нашрияҳо ва дигар воситаҳои ахбори омма расонида, имкониятҳои рушди устувор ва мустақилияти таҳририяи онҳоро ба таври қобили мулоҳиза маҳдуд сохтанд [2-М].

14. Бо дарназардошти таҳлили анҷомёфта ҷиҳати муайянсозии марҳилаҳо ва тамоюлҳои рушди матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони пасошуравӣ се марҳилаи асосиро дар таърихи муосири воситаҳои ахбори оммаи кишвар муайян намудан мумкин аст: солҳои 1991-1997, 1997-2010 ва 2010-2020 [1-М; 6-М; 7-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсиониро дар самтҳои зерин мавриди истифода қарор додан имконпазир аст:

**1. Фаъолияти қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ.** Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун асос барои такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи матбуот ва васоити ахбори омма истифода шаванд. Ин натиҷаҳо ба таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба сиёсати иттилоотӣ ва ташаккули фазои ягонаи ахбории кишвар мусоидат мекунанд.

**2. Амалиёти журналистӣ ва фаъолияти расонаҳо.** Таҳлилу натиҷаҳои илмӣ имкон медиҳанд, ки рӯзноманигорон ва муассисаҳои иттилоотӣ фаъолияти худро бо дарназардошти талаботи замони муосир ва меъёрҳои ҳуқуқии миллию байналмилалӣ ба роҳ монанд. Инчунин, тавсияҳо барои баланд бардоштани сатҳи масъулияти касбӣ ва фарҳанги иттилоотӣ нақши муҳим гузошта метавонанд.

**3. Омӯзиш ва таълим.** Маводди рисола метавонад дар раванди таълими фанҳои махсуси «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ВАО», «Назария ва амалияи журналистика» дар донишгоҳҳои олии кишвар истифода шавад. Инчунин, аз натиҷаҳои пажуҳиш дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос барои рӯзноманигорон метавон истифода бурд.

**4. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчун замина барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар самти омӯзиши рушду таҳаввули матбуоти тоҷик, нақши ВАО дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъсири ҷаҳонишавӣ ба фазои иттилоотии миллӣ хизмат карда метавонанд.

**5. Фаъолияти амалӣ ва ҷамъиятӣ.** Хулоса ва натиҷаҳои рисола метавонанд, ки фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои журналистиро тақвият бахшида, ба баланд бардоштани дониши ҳуқуқии ҷомеа дар соҳаи ахбору иттилоот мусоидат намоянд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Сафаралӣ, А. (Сафарализода, А.С.). Вижагиҳои мустақилгардии ВАО-и тоҷик [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. Қисми II. – С. 254-257.

[2-М]. Сафаралӣ, А. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи назариявии гузариши ВАО-и вобаста ба мустақил [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 276-279.

[3-М]. Сафаралӣ, А. Заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти даврӣ [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 308-312.

[4-М]. Саъдуллоев, Ҷ.М., Сафаралӣ, А.. Ожонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷамшед Саъдуллоев, Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 233-238.

### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-М]. Сафарали, А. Информационная политика и СМИ в Республике Таджикистан [Текст] / Абдуджаббори Сафарали // Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки. – Куляб, 2019. – №2 (23). – С. 123-128.

[6-М]. Сафаралӣ, А. Терроризм – доғи рӯз (андешаҳо дар асоси маводди матбуоти даврӣ) [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020). – Кӯлоб, 2020. – С. 347-349.
[7-М]. Сафаралӣ, А. Нақши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ташаккул ва рушди матбуоти даврии тоҷик [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025). – Кӯлоб, 2025. – С. 41-44.

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

*На правах рукописи*

УДК: 070.13 (575.3) (76.12. 2Т)



**САФАРАЛИЗОДА АБДУДЖАББОР САФАРАЛИ**

# ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕХОДА СМИ ОТ СОВЕТСКОЙ СИСТЕМЫ К ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ПЕРСПЕКТИВЫ И ПРОБЛЕМЫ (1991-2020 гг.)

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание учёной степени доктора философии (PhD) – доктора по специальности 6D050400 – Журналистика (6D050401 – Журналистика)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре журналистики факультета таджикской филологии и журналистики Кулябского государственного университета имени А. Рудаки.

**Научный руководитель:** **Саъдуллоев Джамшед Муллокомилович** – доктор филологических наук, профессор кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Муллоев Шариф Бокиевич** – доктор филолгических наук, профессор кафедры национальной и международной журналистики факультета русской филологии, журналистики и медиатехнологиий МОУ высшего профессионального образования «Российско-Таджикский (славянский) университет»;

**Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – кандидат филолгических наук, доцент, заведующий кафедрой журналистики факультета таджикской филологии ГОУ «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава».

**Ведущая организация:** **ГОУ «Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде».**

Защита диссертации состоится «01» июля 2026 года, в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-123 при Таджикском национальном университете (адрес: город Душанбе, проспект Рудаки, 17, главкорпус Таджикского национального университета, зал диссертационных советов. e-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907-307-035).

С диссертацией можно ознакомиться в центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17) и на сайте www.tnu.tj.

Автореферат разослан «___» __________ 2026 года.

**Учёный секретарь**
**диссертационного совета**
**кандидат филологических наук** **Зоириён Б.Ш.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Анализ процессов трансформации средств массовой информации в Республике Таджикистан, а также выявление основных направлений развития современной периодической печати позволяет раскрыть особенности эволюции информационного пространства в постсоветских государствах. Такие исследования важны не только для понимания национальной специфики медиасистемы Таджикистана, но и для сопоставительного изучения аналогичных процессов в странах Центральной Азии. При этом следует отметить, что научное осмысление таджикской медиасферы предпринималось и ранее, однако данные работы зачастую носили ограниченный характер и не охватывали проблему в её системной целостности. На этом фоне особую ценность приобретают исследования зарубежного опыта, в частности материалы, посвящённые медиасистемам бывшей Германской Демократической Республики, Польши и ряда других стран. Вместе с тем медиасистема Таджикистана, сформировавшаяся после обретения государственной независимости в 1991 году, обладает собственной спецификой развития и требует комплексного и последовательного научного анализа с учётом исторических и институциональных факторов.

В Республике Таджикистан в 1991-1997 годах начался переход к новой экономической модели, сопровождавшийся становлением основ демократического устройства. Этот этап включал формирование парламентских структур, развитие партийной системы и укрепление институтов гражданского общества, которые в совокупности составили базис новой политико-правовой организации государства. Одновременно в указанный период (1991-1997 гг.) государственность Таджикистана оказалась под серьёзной угрозой, поскольку в стране с особой интенсивностью разворачивался вооружённый гражданский конфликт. Подобные кардинальные изменения неизбежно отразились на состоянии и развитии медийного

пространства. К 2010 году в области регулирования средств массовой информации были осуществлены значительные преобразования. В результате проведённых реформ сформировались основные типы изданий, характерные для медиасферы, функционирующей на принципах предпринимательства и коммерции. Вместе с тем таджикская пресса оставалась интегрированной в глобальную медиасистему, сохраняя при этом свою специфику и национальные особенности в мировом информационном пространстве.

Исследовательская гипотеза может быть сформулирована следующим образом: система периодической печати Республики Таджикистан развивалась в русле двух ключевых направлений эволюции.

Во-первых, произошёл переход от республиканского сегмента печатных средств массовой информации, функционировавшего в составе единого информационного пространства Советского Союза, к формированию самостоятельного, общенационального сегмента печатной журналистики, являющегося неотъемлемым элементом суверенного государства.

Во-вторых, наблюдался переход периодических изданий от авторитарной модели функционирования, при которой печать выступала инструментом идеологического воздействия и государственно-властного контроля, к коммерциализированной модели, характеризующейся автономностью редакционной политики, рыночными механизмами самообеспечения и интеграцией в сферу предпринимательской деятельности.

**Степень изученности научной темы**. Вопросы, рассматриваемые в рамках данной диссертации, получили отражение в научных исследованиях как отечественных, так и зарубежных учёных, работающих в сфере журналистики и медиакоммуникаций.

Проблематика влияния глобализационных процессов, функционирования и развития средств массовой информации подробно освещалась в работах различных исследователей – И.

Усмонов, А. Садуллоев, А. Нуралиев, М. Имомзода, Дж. Саъдуллоев, Дж. Муким, М. Муроди, М. Абдуллозода, Н. Солехов, Б. Хошимзода, а также зарубежных учёных, в том числе М. Кастелса, М. Маклюэна, Р. Негрина, И.И. Засурского, Л.М. Земляновой, С.Г. Мельник, С. Миронюка, Д. Стровского, А.Н. Тепляшиной, А. Чернова и других.

Особое внимание в таджикской научной школе уделяется вопросам информационного общества, взаимодействия медиа и власти, а также трансформации СМИ в условиях глобализации. Так, в трудах профессора И. Усмонова категория «информационное пространство» рассматривается в контексте масштабных преобразований, произошедших на постсоветском пространстве, где система средств массовой информации выступала как структурированная модель с определёнными функциями, целями и задачами [15, с. 110].

Дальнейшее развитие обозначенной проблематики нашло отражение в исследованиях В.В. Кулаковой, А.Н. Нуралиева [9; 10], А. Садуллоева [11; 12], М.М. Султонова [13; 14], Д.Б. Хомидова [17] и ряда других авторов.

Значительный вклад в разработку теории функций СМИ внесли такие представители журналистской науки, как Е.К. Барабанов, И.М. Дзялошинский, Б. Дубина, С.Г. Корконосенко, В.В. Перевалов, Е.П. Прохоров, А.А. Тертычный, И.Д. Фомичева. В их трудах средства массовой информации рассматриваются не только как механизм отражения действительности, но и как важный институт формирования культурных, политических, экономических, правовых и научных представлений общества.

Комплексный характер журналистики как социального явления также исследовался в работах М. Лернера, А. Моля, Э. Тоффлера, С. Хантингтона, Ф. Фукуямы, А.И. Арнолдова, Л.М. Архангельского, И.Л. Бабича, Т.Г. Богатырёвой, П.С. Гуревича, Г.З. Замшела и других авторов, рассматривавших журналистику как важный элемент социокультурного развития современного мира.

В отечественной науке накоплен существенный исследовательский опыт, посвящённый изучению журналистики, культуры и искусства Республики Таджикистан. Значимый вклад в разработку данной проблематики внесли А. Аминов, Л. Додхудоева, Ф. Кузиев, А. Низомов, С. Рахимова, С. Ходжиева, М.З. Шахиди, М. Одинаева, Ф. Улмасов и другие исследователи, в работах которых раскрываются различные аспекты становления и развития национальной журналистики в контексте культурных процессов.

**Связь исследования с программами либо научной тематикой.** Диссертационная работа выполнена в соответствии с программой и перспективным планом научно-исследовательских работ кафедры журналистики факультета таджикской филологии и журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА РАБОТЫ

**Цель исследования** состоит в установлении и осмыслении факторов, влияющих на структурные и содержательные изменения в системе периодической печати Таджикистана в переходный период от советской модели к демократической, а также в обобщении ключевых направлений данных трансформаций.

Для реализации поставленной цели в диссертационной работе определены **следующие задачи:**

- осуществить всесторонний анализ формирования и развития нормативно-правовой базы, регулирующей деятельность периодической печати Республики Таджикистан в условиях перехода от советской системы к демократической;
- представить научную характеристику состояния и содержания действующего законодательства, определяющего направления, формы и масштабы функционирования средств массовой информации в стране;

- исследовать процесс становления и институционального оформления новой системы периодической печати в постсоветский период, выявив её структурные и функциональные особенности в рамках национального медиапространства;
- установить роль и степень участия иностранного капитала в развитии таджикских средств массовой информации, а также проанализировать его влияние на структурные изменения и содержательную направленность печатных изданий;
- провести комплексный анализ современного состояния общенациональной, региональной и национально-ориентированной прессы как самостоятельных элементов единого информационно-коммуникационного пространства Таджикистана.

**Объект исследования.** Объектом диссертационного исследования является периодическая печать Республики Таджикистан (общественно-политические газеты и журналы общенационального и регионального уровня), а также издания национальных меньшинств, функционировавшие в период с 1991 по 2020 годы.

**Предмет исследования.** Предметом исследования выступают количественные и качественные изменения в периодической печати Таджикистана, которые отражают специфику перехода от советской системы к национальной и демократической модели и способствовали формированию новой системы национальной периодической печати в 1991-2020 гг.

**Теоретические основы исследования.** Теоретическую основу диссертационного исследования составляют труды отечественных и зарубежных ученых. В науке о журналистике и в анализе информационного пространства Таджикистана значительное место занимают идеи отечественных исследователей. В частности, к данной основе относятся работы И. Усмонова, А.Н. Нуралиева, А.А. Рахимова, А. Саидуллоева, М.М. Султонова, Д.Б. Хомидова и других.

Наряду с этим в качестве важного теоретического источника были привлечены труды зарубежных исследователей, в том числе фундаментальные работы М. Кастельса, М. Маклюэна, Р. Негрина, И.И. Засурского, Л.М. Земляновой, С.Г. Мельника, С. Миронюка, Д. Стровского, А.Н. Тепляшиной, А. Чернова и других, которые существенно способствовали формированию концептуальных подходов в изучении закономерностей развития печати и медиа в условиях трансформационных процессов.

**Методологические основы исследования.** Методологическую основу диссертационного исследования составляют комплексный и системный подходы, а также методы сравнительного анализа и функционального исследования. Особое внимание уделялось типологическому анализу периодической печати, что обеспечило возможность всестороннего изучения структуры, содержания и жанровых особенностей изданий.

Кроме того, для изучения теоретических и практических оснований журналистики применялись следующие методы:

- сравнительный анализ национального и международного законодательства;
- метод мониторинга содержания и тематики изданий;
- интервью с руководителями и сотрудниками редакций;

статистический анализ и использование официальных данных о состоянии СМИ.

**Источники исследования**. Источниковую базу исследования формирует совокупность следующих детерминированных компонентов.

– Во-первых, это труды отечественных и зарубежных исследователей, находящиеся в прямой или опосредованной корреляции с рассматриваемой проблематикой.

– Во-вторых, нормативно-правовые акты, регламентировавшие функционирование печатных средств массовой информации Таджикской ССР в период до 1991 года, а также законодательство Республики Таджикистан, регулирующее данную сферу в хронологических рамках с 1991 по 2020 год.

– В-третьих, общетеоретические изыскания, посвященные медиасреде, которые способствуют верификации глобальных тенденций развития и принципов функционирования мировых СМИ.

– Четвертый сегмент представлен официальной документацией Министерства культуры Республики Таджикистан, включая реестры периодической печати, отчетные материалы и иные ведомственные акты.

– Пятый элемент охватывает статистические данные, в частности результаты переписей населения и социологических опросов, а также сведения о периодических изданиях, предоставляемые как независимыми аудиторскими компаниями, так и непосредственно издательствами.

Особую группу источников составляют публикации, размещенные как в традиционной периодике, так и на специализированных интернет-ресурсах. Данные журналистские материалы позволяют, с одной стороны, эксплицировать рефлексию самих представителей медиасообщества относительно трансформаций в их профессиональной сфере, а с другой, выступают репрезентативным эмпирическим базисом для изучения специфики функционирования современных изданий.

В процессе анализа современной периодической печати, преследующего цели типологизации и оценки изданий, были имплементированы метод контент-мониторинга содержания, а также проведение полуструктурированных интервью с руководящим составом и сотрудниками редакций.

**Научная новизна исследования**. Научная новизна диссертационной работы выражается в следующем:

– Впервые проведён комплексный и многоаспектный анализ трансформации периодической печати Таджикистана, отражающий переход от советской информационной модели к национальной демократической системе в хронологических рамках 1991-2020 годов.

– Установлено, что ключевую роль в становлении обновлённой системы таджикской прессы сыграл комплекс

ведущих политических, правовых, экономических и социальных факторов.

